# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА - 068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна дар мавзуи “Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”(бар мабнои маводи фарҳангҳо ва осори илмию адабӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302)- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Диссертатсияи Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна ба таҳқиқи луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.Пешаи бофандагӣ ҳунарест, ки мардум тавассути он ризқу рузии худро пайдо мекунад. Вожаю истилоҳоти соҳаи бофандагӣ дар баробари луғатҳои дигари ҷомеа як ҷузъи ҷудонашавандаи таркиби луғавии забонҳои тоҷикию англисӣ маҳсуб мешавад ва он муарифгари ҳар қавму миллат буда. бо таърихи халқҳои тоҷику англис робитаи ногусастанӣ дорад., зеро мардум аз давраи қадим бо ҳунари бофтану дӯхтани чизҳои ниёзи аввалияи мардум машғул буда, рӯзгори худро пеш мебурданд.

Омӯзишу таҳқиқи луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз вазифаҳои муҳимми забоншиосони тоҷику англис маҳсуб мешавад ва ин яке аз захираҳои боэътимоди луғавии забони тоҷикӣ ва англисӣ маҳсуб мешавад Ин луғатҳо дар забонҳои муқоисашаванда дар мавридҳои зарурӣ ва самаранок гардиш мехӯранд. Инчунин, дар забонҳои мазкур луғатҳои зиёде корбаст шуданд, ки фарогири луғатҳои гуногуни касбу ҳунар.аз ҷумла соҳаи бофандагӣ ва расму оинҳои мардумӣ маҳсуб мешаванд. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии таркиби луғавии забонҳои мавриди назар муҳиму арзишманд ва саривақтӣ ба шумор меравад. Маҳз барои ҳамин, барои муайян ва равшан намудани рушди таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар муқоиса бо лексикаи соҳаи ҳунармандии забони англисӣ кушиши зиёдеро ба харҷ додан зарур аст. Дар таҳқиқоти мазкур на танҳо низоми луғавии забони тоҷикӣ ва англисӣ, қонуниятҳои умумии ташаккули он, ҳамчунин ба қисмҳои алоҳидаи семантикӣ, гурӯҳхои луғавӣ ва маъноии он диққат дода шудааст. Ҳангоми баррасӣ ва таҳлили вижагиҳои забонии лексикаи забонҳои муқосашаванда имконият фароҳам меояд, ки ҷанбаҳои мавзуӣ, семантикӣ, баромади вожа ва ибораҳо муайян карда шуда, раванди ғанӣ гардондани таркиби

гардондани таркиби луғавии забони муқоисашаванда ошкор карда шавад.

Дар забони тоҷикӣ ва англисӣ омӯзиш ва таҳқиқи лексикаи соҳаи бофандагӣ то ба имрӯз аз масъалаҳои мубрам ва айнизамонӣ дар забонҳои муқоисашаванда маҳсуб мешавад. Бинобар ин, таҳқиқоти Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна яке аз таҳқиқоти аввалин аст, ки дар он вижагиҳои лексикаи соҳаи бофандагӣ, ки ба устуворӣ ва рехтагии таркиби луғавии худ тафовут дошта, дар гуфтор оҳангу тобишҳои маъноиро равшантар, барҷастатар инъикос менамояд ва онҳо аз рӯйи мазмуну муҳтавояшон дар дараҷаи баланд қарор доранд, ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар ин рисолааш муҳақиқ вижагиҳои луғавию грамматикии соҳаи бофандагиро, ки басо мубрам ва муҳим маҳсуб мешавад, мавриди таҳлили амиқ қарор додааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсияи мавриди назар баррасии вижагиҳои луғавию граммматикӣ ва маъноӣ соҳаи бофандагӣ маҳсуб мешавад. Инчунин муҳақиқ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки зимни таҳлилу баррасии комил лексикаи соҳаи мазкурро дар забонҳои тоҷикию англисӣ ба мардум муаррифӣ намояд. Пажӯҳиши ҳамаҷонибаи таҳқиқоти мазкур дар марҳалаи кунунии рушди забоншиносии тоҷик, ки дар замони истиқлоли миллӣ ҷараён дорад, ба аҳамияти муҳимми назариявӣ соҳиб аст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки лексикаи соҳаи бофандагӣ дар забони тоҷикию англисӣ бори нахуст ба сифати мавзуи диссертатсионӣ ба таври системавӣ ва ба сурати таҳқиқи монографӣ бар пояи дастовардҳои забоншиносии муосир таҳлилу таҳқиқ шудааст. Ҳамчунин ин маводи соҳавӣ бо забони адабӣ ва англисӣ мавриди муқоиса қарор гирифта, бори нахуст ҳудуди интишори калимаҳои марбут ба забонҳои мавриди назар ва таъсири омилҳои забонӣ ва фарозабонӣ (экстралингвистӣ) муайян карда мешавад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 12 мақола аз ҷумла 5 мақолааш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА ФР нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат оварда шудааст, инъикос ёфтанд. Мақолаҳои чопшудаи докторант ва теъдоди онҳо фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №287 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда. Дорои мазмуну муҳтавои ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300–Забоншиносӣ 6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат менамояд.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, диссертатсия Ҳасанова Саодат Раҷабалиевнаро дар мавзуи "Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои маводи фарҳангҳо ва осори илмию адабӣ)" анҷомёфта буда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300–Забоншиносӣ 6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и " Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ", пешниҳод менамояд.

1 Диссертатсия Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна дар мавзуи "Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои маводи фарҳангҳо ва осори илмию адабӣ)" анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300–Забоншиносӣ 6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шудааст, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-

таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 ва 10.02.20 мувофиқат менамояд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**2.1. Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**2.2. Туйғунов Носир Ҳақбердиевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент мудири кафедраи забони англисии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

3. Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод карда мешавад.

4.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Нурхон.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Саидзода Ҳалим Азиз.

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич.

«26» 06 соли 2024